# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Яхёзода Ғолиб Яхё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ))

1. Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он аст, ки он дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти ҷамъият масъалаи умумиҷаҳонии таълиму тарбияи экологӣ ба миён омадааст. Мақсади асосии тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ ин ташаккул додани маърифати экологӣ дар асоси консепсия мебошад. Огоҳии муҳити зист муносибати эмотсионалии кӯдакон, амалҳои амалӣ ва рафтори табиатро дар бар мегирад. Дониш ва маърифати экологии азхудшуда фаҳмиши кӯдаконро дар бораи арзиши табиат ва ҳаёт, малакаву маҳорат дар муносибат бо табиат, рафтори аз ҷиҳати экологӣ салоҳиятдор дар табиат ва масъулият дар назди табиатро ташаккул медиҳад.

Қайд гардидааст, ки муносибати инсондустӣ, яъне муносибати бошуурона, дуруст, дилсузӣ, шуури экологиро нисбат ба табиат дар кӯдакон аз синни хурдӣ тарбия кардан лозим аст, ки он ҳамчун раванди муттасили воридшавии шахс ба низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳамзамон ҳамчун натиҷаи азхудкунии арзишҳо, меъёрҳо, идеалҳо ва намунаҳои рафтори ҷомеа баррасӣ мешавад, ки шахсиятро ҳамчун узви пуриқмати ҷомеа шакл медиҳад.

Диссертатсия тибқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом дода шудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи шуъбаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 05.02.2026, №2).

Дар хулосаи дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи

таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсия баҳои воқеӣ ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мебошад.

Аҳамияти илмии мавзуи таҳқиқот дар он ифода мeёбад, ки таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад камбудиҳои мавҷударо дар масъалаҳои ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабиро пурра кунад. Аҳамияти амалӣ дар таҳия ва татбиқи шароитҳои мушаххаси педагогӣ, ки ба инкишофи донишҳои экологӣ ва ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми шиносоӣ бо табиати диёри худ нигаронида шудаанд, ифода мекунад.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» ба шиносномаи 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) - 6D010101.01-Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ)), аз он ҷумла, ба банди 4.1. – Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ; асосҳои психологӣ-педагогӣ ва хусусиятҳои ташаккули шахсияти кӯдак аз рӯзи таваллуд то давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ; банди 4.3. - Махсусияти ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакони синну соли томактабӣ; банди 4.6. - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва давраҳои гуногуни синну солӣ мувофиқ мебошад.

3. Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда бо омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаи мавриди таҳлил, татбиқи пайгиронаи асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот, инчунин истифодаи маҷмӯи усулҳое, ки ба ҳадаф, вазифаҳо ва фарзияи таҳқиқот мутобиқат доранд, асоснок карда шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳо бо роҳи санҷиши таҷрибавӣ-озмоишӣ, татбиқи онҳо дар амалияи як қатор муассисаҳои таълимӣ ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада таъмин гардидааст.

Такя ба пойгоҳи кофии сарчашмаҳои илмӣ имкон медиҳад, ки хулосаҳои баровардашуда ҳамчун асоснок, боэътимод ва дорои арзиши назариявию амалӣ арзёбӣ шаванд.

Шумораи интишороти довталаб дар 10 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла чор мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маорифи Федератсияи Россия эътирофшуда, шаш мақола дар маводи конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ чоп шудаанд.

Маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

4. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

5. Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокии муқаррароти ибтидоии назариявӣ, таҳлил ва таркиби равишҳои фалсафӣ ва психологию педагогӣ дар асоснокунии ақидаҳои пешбаранда, истифодаи усули мувофиқ ба мақсад, вазифаҳо, маҷмуи усули сифатӣ ва миқдории таҳлил, фарзия таъмин карда шудааст. Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қонунӣ будани нуктаҳои фарзияи таҳияшударо нишон медиҳанд.

6. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Яҳёзода Ғолиб Яҳёро тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** таъин карда шавад.

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ: **Иззатова Муҳаббат Иноятовна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва **Акрамова Мохрухсор Ҳамидҷоновна** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии

Академияи сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъин карда шаванд.

г) барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва пахнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия тавсия дода мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) таҳлилу баррасӣ намуда,

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) ба ҳимоя иҷозат дода шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) мутобиқат мекунанд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Иззатова Муҳаббат Иноятовна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
- **Акрамова Моҳрухсор Ҳамидҷоновна** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Академияи сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** таъин карда шавад.

3. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии

Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ Гулмдов Ф.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Котибова Ш.П.
номзади илмҳои педагогӣ Бобоева М.Р.

27.04.2026

*Имзои Гулмдов Ф., Котибова Ш.П., Бобоева М.Р.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.